Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-014 назди Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи "Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 - Иқтисодиёти ҳудудӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи тақризшаванда ба сархатҳои 1, 7, 9, 11, 13, 19, 24-и Шиносномаи ихтисоси 5.2.4 - Иқтисодиёти ҳудудӣ мувофиқат мекунад. Яъне диссертатсияи пешниҳодшуда аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршудаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 навишта шудааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити рушди кунунии муносибатҳо дар ҷаҳони муосир таъмини амнияти озуқаворӣи аҳолии мамлакат аз бисёр ҷиҳат ба рушди комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла сектори аграрӣ вобастагии мустақим дорад. Дар ин радиф, дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ду ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон-таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат ва саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар пешбинӣ шудаанд, ки амалишавии ҳадафҳои дар боло номбурдаро асосан тавассути истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, рушди агробизнес дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои сектори аграрӣ таъмин намудан ба мақсад мувофиқ аст. Қайд кардан зарур аст, ки истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии кишвар ба омилҳои мухталиф, аз ҷумла ба таъмини сармоягузорӣ, ҷорисозии технологияи муосири инноватсионӣ, истифодаи сарфакоронаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои бахши аграрӣ алоқамандии мустақим дорад. Зеро омилҳои болозикр, ба истеҳсолот ҷалб намудани захираҳои табиӣ шароити мусоидро фаро оварда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро афзоиш дода, корхонаҳои саноати коркарди ҷумҳуриро бо ашёи хоми ватанӣ таъмин менамоянд.

Имрӯзҳо дар минтақаҳои кишвар дар баробари пешравиҳо дар бахши аграрӣ мушкилоти зеринро номбар кардан ба маврид аст, ки ба истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳо таъсири худро мерасонанд: вазъи таъминоти техникии соҳаи кишоварзӣ, норасоӣ ва нархҳои баланди захираҳои васоити гардон (сӯзишворӣ, тухмӣ, нуриҳои минералӣ,

навъҳои серҳосили растаниҳо ва зотҳои маҳсулноки чорво) масоили камчинии сармоягузориҳо, аз ҷумла маблағҳои буҷавӣ, мушкилоти пурракунии сарчашмаҳои молиявии худии субъектҳои хоҷагидор, баланд будани меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ ва ғ.

Дар корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ мушкилоти истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳо, махсусан дар зеркомплексҳои комплекси агроозуқаворӣ, бунёди шароитҳои мусоид ва мустаҳкамгардонии базаи моддию техникӣ барои фаъолияти самараноку босуботи хоҷагиҳои кишоварзӣ, корхонаҳои коркарди маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ, баҳодиҳии имкониятҳои комплекси агроозуқаворӣи кишвар, коркарди моделҳои муосири рушди сохторҳои ҳамгироишудаи агроозуқаворӣ ва такмили низоми идоракунии онҳо, истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар ин самт ва ҳамчунин, масоили арзёбии самаранокии иқтисодӣ ва муайянкунии самтҳои рушди самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд. Мубрамият ва мавҷудияти мушкилоти номбурда, тақозои ҳалли онҳо дар сатҳи назариявию услубӣ ва амалӣ интихоби мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқотро муайян карда, гузориши ҳадаф ва мақсадҳои рисолаи илмиро асоснок намудаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф як қатор навгониҳо, дастовардҳои илмӣ, тасдиқот ва хулосаву пешниҳодҳо ироа шудаанд, ки мазмуни пурраи онҳо дар диссертатсия инъикос ёфтаанд. Ба сифати муҳимтарин унсурҳои навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ инҳо баромад мекунанд:

1. Муаллифи рисола дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти нуктаҳои назари мухталифи мактабҳои илмӣ, таърифи худро оид ба «иқтидори захиравӣ-табиӣ» пешниҳод намудааст, ки дар он иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун ҷузъи асосии захираҳои табиӣ минтақа, ки ба таъмини бехатарии озуқаворӣи аҳолӣ бо маҳсулоти аз нигоҳи сифат ва экологӣ тоза, коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ, беҳдошти вазъи зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи экосистемаи минтақавӣ равона гардидааст, шарҳ дода шудааст;

2. Диссертант усулҳои баҳодиҳии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, принсипҳо ва хусусиятҳои минтақавии таъмини бехатарии озуқавориро дар минтақа бо назардошти таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат ва бо миқдории кофӣ дастрас таҳқиқ намуда, дар ин асос омилҳои табиӣ-иқлимӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва нишондоди самаранокии истифодаи захираҳои мавҷудаи замини кишоварзӣ, инчунин ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ, ки ҳамчун омили захиравии таъмини бехтарии озуқаворӣ дар минтақа ба ҳисоб меравand, муайян намудааст;

3. Дар кори илмӣ муҳаққиқ механизми экологӣ-иқтисодии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа бо назардошти муайянкунии самтҳои асосии дастгирии давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ баҳодиҳӣ намуда, масоили калидии он баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа ба мақсади таъмини бехатарии озуқавории

аҳолии он, ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, танзими бозори озуқавории ватанӣ ва минтақавӣ, самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва беҳдошти вазъи экологии минтақа мавриди таҳқиқу натиҷагириҳо қарор додааст;

4. Дар диссертатсия оид ба такмили самтҳои асосии дастгирии давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақа тавсияҳои илман асоснок коркард ва модели баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар заминаи таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаи Хатлон таҳия гардидааст, ки ба назари муаллиф ба истифодаи оқилонаи заминҳои мавҷудаи кишоварзӣ, беҳдошти вазъи экосистемаи минтақавӣ, рушди соҳаҳои кишоварзӣ, ҳавасмандиҳои молиявии истеҳсоли маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза ва ҷалби бештари сармояҳои хориҷӣ, дар маҷмуъ ба рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа мусоидат мекунанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 175 саҳифаи чопи компютерӣ иншо гардидааст. Дар диссертатсия 21 ҷадвал, 7 расм, 1 диаграмма оварда шуда, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 152 номгӯй иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, сатҳи омӯзиши он аз нуқтаи назари илмию амалӣ, мақсад, вазифаҳо, мавзуъ ва объекти таҳқиқот асоснок гардида, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода шудаанд.

**Дар боби аввал** «Асосҳои назариявии таҳқиқи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа» ҷанбаҳои назариявӣ-услубии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа, рушди комплекси агросаноатӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақа ва таҷрибаи хориҷӣ оид ба самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст (С. 16-64).

**Дар боби дуюм** «Таҳлил ва ҳолати истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳлил ва ҳолати истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон ва баҳои нишондиҳандаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои агросаноатии Хатлон таҳқиқ карда шудаанд (С. 65-103).

**Дар боби сеюм** «Самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон» масъалаҳои танзими давлатии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа баррасӣ гардида, истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ ҳамчун омили муҳимми таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа ва модели баҳои самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд (С. 104-152).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда ба омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмии

олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа, инчунин, истифодабарии усулҳои таҳқиқоти умумиилмӣ тасдиқ мегардад. Дар хулосаи диссертатсия таклифҳои унвонҷӯ оид ба истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

Унвонҷӯ дар диссертатсия дуруст қайд кардааст, ки таҳлили ҷанбаҳои назариявии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси рушди соҳаҳои кишоварзӣ, ки дар он мавқеи муҳимро рушди устувори минтақа, ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар парвариши зироатҳои кишоварзӣ, ҷалби сармояҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ мебозад. Ҳалли ин мақсадҳо барои ба даст овардани миқдори кофӣ ва сифатноки озуқаворӣ, ки он вазифаи аввалиндараҷаи иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад. Самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ яке аз омилҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ ва зиндагии шоистаи аҳолӣ мебошад.

Диссертант натиҷагирӣ нумудааст, ки масъалаи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақаҳои кишвар яке аз шартҳои асосии истиқлолияти озуқаворӣ ба ҳисоб рафта, он ба ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва демографии минтақаҳои кишвар равона карда шудааст. Таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ дар ҳаҷми лозима ҳамон вақт таъминшуда ба ҳисоб меравад, ки агар он ба меъёрҳои қабулшуда мувофиқат намояд.

Дар кори илмӣ муаллиф қайд мекунад, ки таҳлили вазъ ва динамикаи истифодаи самараноки захираҳои замину об дар минтақаҳои Хатлон нишон медиҳад, ки таъмини бехатарии озуқаворӣ тайи солҳои охир хеле паст буда, он бо камчинии маводи ғизоӣ ва бад шудани вазъи саломатии аҳолӣ, ҳолати вазнини экологӣ ва демографӣ, рушди ғайрисамараноки соҳаи кишоварзӣ ва соҳаҳои комплекси агросаноатӣ (аз ҷумла, масъалаи коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ) ва ғайра ин равандро боз ҳам мушкил гардонидааст. Барои ҳалли ин масъалаҳои дар минтақа ба вуҷуд омада, таҳия ва татбиқи амалии сиёсати аграрӣ, аз ҷумла, барои худтаъминкунии ҳар як аҳолӣ (аз нигоҳи иқтисодӣ-физиологӣ) миқдори зарурии истеъмоли ғизо зарур мебошад.

Муаллифи рисола иброз доштааст, ки рушди устувори минтақа зарурати истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табииро барои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар тақозо менамояд. Агар афзоиши аҳолӣ талабот ба маводи озуқаворӣ оварда расонад, пас имконияти қонеъгардонии ин талаботи аҳолии минтақаҳои кишвар бо маводи озуқа хеле мушкил мегардад. Масалан, афзоиши аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ тайи солҳои охир, яъне солҳои 1991-2024 аз 5,5 млн. то 10,5 млн. нафар зиёд гардидааст, ки аз рӯйи баъзе пешгӯиҳо то соли 2030 ин рақамҳо ба зиёда аз 12 млн. нафар мерасад. Ин раванд аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бӯҳрони озуқаворӣ дар минтақа метавонад дар маҷмуъ садди роҳи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ гардад.

Дар кори илмӣ, диссертант изҳори ақида намудааст, ки шуғли асосии аҳолии минтақаҳои Хатлон ин бахши кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар таъмини бехатарии озуқаврии мамлакат нақши созгор дорад. Дар минтақаи иқлими гарм ва хушк буда, шароити табиӣ-иқлимӣ ва иқтидори захиравӣ-табиии он барои рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ ҳамаи имкониятҳо фароҳам меорад. Дар мавриди самаранок истифодабарии захираҳои замину об ва инкишофи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, истифодаи технологияи пешқадами коркарди саноатӣ ба истиқлолияти комили озуқаворӣ ноил гардидан мумкин аст.

Дар рисолаи илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ самтҳои асосии истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиии минтақа бо назардошти хусусиятҳои табиӣ-иқлимӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ, фаъолгардонии ҷалби бештари сармояҳо ба рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, бахусус рушди соҳаи кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст. Инчунин, муаллиф қайд мекунад, ки тавассути алоқаҳои ҳамгироии истеҳсолӣ натиҷаҳои хуби иқтисодӣ-иҷтимоиро ба даст овардан мумкин аст. Аз ин рӯ, барои таъмини бехатарии озуқаворӣ, сиёсати аграрии давлат бояд куллан тағйир дода шуда, рушди комплекси агросаноатӣ ва инфрасохтори иҷтимоии деҳот барои ташаккули бозори дохилии озуқаворӣ хизмат намояд.

Тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллифи рисола илман асоснок буда, бо натиҷаҳои илмӣ, назариявӣ ва таҳқиқоти таҷрибавӣ асос меёбанд. Маълумот оид ба тасвиб, амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ва санадҳои татбиқ дар кори илмӣ мавҷуданд ва дар мақолаҳои нашршуда онҳо нишон дода шудаанд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ.** Марҳилаҳои иҷрои кори диссертатсионӣ, аз қабили интихоби мавзуъ, баррасии масоили гуногуни иқтисодӣ, натиҷагирӣ ва пешниҳодҳо бо иштироки худи диссертант сурат гирифтааст. Саҳми шахсии довталаб дар таҳлил ва баҳогузории самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузории самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлон зоҳир мегардад. Қобили қайд аст, ки натиҷаҳои дар рисолаи илмӣ бадастовардаи унвонҷӯро метавон ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии барномаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ дар истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлон ба мақсади афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ барои таъмини амнияти озуқавории аҳолии кишвар истифода бурд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Дар диссертатсия асосҳои назариявӣ ва методии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа баррасӣ гардида, истифодаи натиҷаҳои он дар таҳияи консепсия, ҳосил кардани фарзияю қонуният ва моделҳои баҳогузории самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда инъикос гардидаанд. Натиҷаҳои илмӣ-амалии диссертатсияро мумкин аст, ки дар мақомоти давлатӣ ва маҳаллии вилояти Хатлон, ки фаъолияти онҳо ба самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-

табиӣ ва рушди иқтисодиёти минтақа равона карда шудааст, истифода бурда шавад. Баъзе аз тавсияҳои илмӣ-амалии муаллиф дар сохторҳои дахлдори давлатӣ ва минтақавӣ, инчунин, корхонаҳои кишоварзӣ мавриди истифода қарор гирад. Аз ҷумла, маълумотҳои он дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳои кишвар ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ истифода бурда шавад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки нуктаҳои ғоявӣ ва тавсияҳо барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузошта, метавонанд дар истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ ҳамчун омили муҳимми таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа истифода бурда шаванд. Ҷиҳатҳои услубии кори мазкур мумкин аст, ҳангоми баҳои самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ки ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва истиқлолияти комили он, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат намоянд.

Хулосаҳои асосии назариявӣ ва амалии диссертатсия метавонанд дар фаъолияти ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд. Баъзе нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд ҳангоми таълими фанҳои дарсии иқтисодиёти маҷмааи агросаноатӣ, иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти аграрӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 12 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгуйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ҳаҷми умумии он 4,4 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳанд.

Мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуни мухтасари кори диссертатсиониро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.** Диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори

Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, №3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**. Тахассуси илмии Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи "Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 - Иқтисодиёти ҳудудӣ ба ихтисоси илмии дархостшаванда мувофиқат мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Новобаста ба ҳамаи ин дастовардҳо, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиву норасоиҳо низ мавҷуданд, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар зербоби 1.1. дар мавриди таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ-услубии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа, агар муаллиф аз тадқиқоти олимони ватанӣ бештар истифода мебурд, сифати зербоби мазкури рисола хубтар мегардид.

2. Дар зербоби 1.3. муаллиф таҷрибаи хориҷӣ оид ба самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Беҳтар мешуд таҷрибаи давлатҳои ба мо наздик ва мувофиқро ба инобат мегирифт.

3. Дар зербоби 2.1. таҳлил ва ҳолати истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон анҷом дода шудааст. Вале дар маҷмуъ минтақабандии ҳудудӣ дар ҷадвалҳои ин зербоб аз ҷониби муаллиф бо пуррагӣ таҳқиқу баҳогузорӣ нашудааст. Агар муаллиф минтақабандии киштзорҳои кишоварзии ноҳияҳои вилояти Хатлонро бо назардошти ҷойгиркунонии истеҳсолоти онҳо дар шакли ягон ҷадвал мавриди таҳқиқу баҳодиҳӣ қарор медод, арзиши воқеии кори илмӣ боз ҳам баландтар мешуд.

4. Дар зербоби 3.3. самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ дар сатҳи минтақаҳо мавриди арзёбии қарор гирифтааст. Сифати кор беҳтар мегардид, агар муаллиф ин амалро бо назардошти махсусгардонии истеҳсолот дар минтақаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ ба анҷом мерасонид.

5. Дар баъзе қисматҳои таҳқиқот муаллиф аз мавзуи таҳқиқот каме дур шудааст. Хуб мешуд, ки агар муаллиф зимни таҳқиқот алоқамандии матни рисоларо бо барномаҳои соҳавию байнисоҳавӣ, аз ҷумла, бо "Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030" ба инобат мегирифт.

6. Хуб мешуд, ки муаллиф ба масъалаҳои рушди муносибатҳои кластерӣ, рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ, иқтисодиёти сабз, омода намудани кадрҳо барои истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо бештар аҳаммият медод.

Эродҳои номбаршуда ҷиддӣ набуда, хусусияти тавсиявӣ доранд, ки ба сатҳи баланди илмӣ-амалии таҳқиқоти анҷомдода, таъсири манфӣ намерасонад.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.** Кори диссертатсионӣ дар мавзуи “Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)” ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Расулов Ҷовид Курбонович сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 - Иқтисодиёти ҳудудӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Муовини якуми Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.и., дотсент** **Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.**

«30» 06 соли 2026

Суроға: 7347025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Айнӣ, хонаи 55, ҳуҷраи 138
Телефон: (+992) 92-766-06-29
E-mail: homid_@mail.ru

Имзои муовини якуми Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ВМИҶТ Саъдуллозода Ш.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13а
Телефон:+992-227-76-86
E-mail: mort@maorif.tj

«30» 06 соли 2026